# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замини Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур **Икромов Исломкул Истамович** ба диссертатсияи Абдураҳимова Мавзуна Муҳсиновна дар мавзӯи: “Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология

**Сохт ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз пешгуфтор, се боб, хулоса иборат буда, дар 188 саҳифаи матни компютерӣ баён шуда, аз 5 ҷадвал, 23 расм ва 140 рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст таҳлили маҷмӯии ҳолати инкишофи ҳодисаҳои геодинамикии характери табиидошта дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ омӯхта шудааст. Маълумотҳои саҳроӣ, мушоҳида, натиҷаҳои экспедитсияҳои илмӣ ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки аввалин бор феҳрасти офатҳои табиӣ ва таснифи онҳо барои Тоҷикистони Шимолӣ кор карда баромада шавад. Ин маълумотҳо имконият медиҳанд, ки доир ба пешгӯйии хатарҳои табиӣ тадқикот оғоз карда шавад. Боиси зикр аст, ки фақат дар соли 2017 дар ҳудуди Тоҷикистон 168 ҳолатҳои геодинамикии характери табиидошта рӯй дод, ки нисбат ба соли 2016 61 маротиба зиёдтар аст. Бо сабабҳои офатҳои табиӣ 126 нафар одамон ҳалок гардида, 2500 хонаҳои истқоматӣ ба харобазор табдил ёфтанд. Дар соли 2017 дар натиҷаи офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 100 млн. сомонӣ хисорот ворид гардидааст.

Тадқиқоти актуалии диссертатсия ба инобат гирифтани хулосаи асосноккардашуда ва тавсияҳои мусбат ва манфии ошкор намудани сабабҳои пайдоиш, паҳншавӣ, шаклёбии офат, хатарҳои табиӣ ва ҳудудҳои асосии фалокатоварӣ мебошад. Дар диссертатсия асосҳои илмии ташкили системаи ҳимояи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар ҳудудҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ.** Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ муайян карда шудааст, ки таҳқиқи назарияи фалокатоварӣ ҳамчун як равияи илмӣ аввалин маротиба ба ибтидои солҳои ҳафтодуми асри XX мансуб аст. Дар он давра аввалин корҳо оид ба назарияи фалокатовариҳо ба миён омада буданд, ба мисли: масъалаҳои гидродинамикӣ, иқтисодиёт, геология, экология, назарияи зарраҳои элементарӣ, сиёсӣ ва ғайра, ки аз ҳама бештар “хафнокии табиӣ” ба ҳисоб меравад.

**Эътимоднокии натиҷаҳо ва навгонии илмии тадқиқот.** Натиҷаҳои илмӣ-амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю тавсияҳои пешниҳодгардида боварибахш асоснок карда шуда, бо истифода аз корҳои саҳроӣ ва озмоишию санҷишӣ бо дараҷаи хуб ба анҷом расонида шудааст. Таҳлили маҷмӯии ҳолати инкишофи ҳодисаҳои геодинамикии характери табиидошта дар ҳудуди вилояти Сугд гузаронида шудааст. Маълумоти саҳроӣ, мушоҳидаҳои (мониторинги) маҳаллӣ, натиҷаҳои экспедитсияҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки доир ба пешгӯйии хатарҳои табиӣ ва таъсири хусусиятҳои хоси метеорологӣ ба шидаднокии фалокатовариҳои табиӣ тадқиқот гузаронад. Навгониҳои тадқиқот ва натиҷаҳои бадастомада аз инҳо иборатанд:

- ҳолати ноустувории ҳудудҳо, ки ба вайроншавии устувории нишебиҳо мусоидат менамояд муайян карда шудааст, ки он барои нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳҳои Туркистон ва нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Зарафшон хос аст. Аз онҳо заминларза ва ҷараёнҳои гравитатсиониро номбар кардан мумкин аст, ки бо шиддат ёфтани ҷараёнҳои гидрометеорологӣ таъсирашон ба ноустувор гардидани нишебиҳо то дараҷаи хатарнок пурзӯр мегардад;

- пешниҳоди тавсияҳои ҳозиразамони илмӣ ва методӣ доир ба паст кардани хавфи минтақавӣ аз офатҳои табиӣ дар ҳудуди вилояти Суғд;

- сабабҳои пурзӯркунандаи ҳодисаҳои геодинамикӣ, дар водиҳои дарёҳои қаторкӯҳи Қурама рӯйдиҳанда омӯхта шуда, ошкор карда шудааст, ки одатан ҳодисаҳои гравитатсионӣ дар ҳавзаҳои обҷамъшавӣ рӯй медиҳанд, инчунин қайд гардидааст, ки дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Туркистон зиёдшавии санглохӣ, таназзули қабати хокӣ ва эрозияи хаттӣ рӯй дода истодааст; ба тартиб даровардани нишебиҳо аз рӯйи дараҷаи хавфнокии табиӣ ва зарурати андешидани чораҳои ҳифзи табиат пешниҳод карда шудааст;

- рафтори тафриқавӣ, баҳодиҳии инкишофи офатҳои табиии геоморфологӣ, географӣ дар ноҳияҳои маъмурӣ асоснок карда шудааст, ки онҳо ба қурбонии сершумори одамон, вайроншавии хонаҳои истиқоматӣ, иншоотҳо ва талафоти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ оварда мерасонанд;

- дар асоси таҳқиқот муайян карда шудааст, ки бо мақсади огоҳонидани пайдошавии ҳолатҳои фалокатовариҳои табиӣ дар ҳудуди вилояти Суғд гузаронидани корҳои мониторингӣ зарур аст.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия саривақтӣ будани мавзӯъ, дараҷаи таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навгонии илмӣ ва роҳу усулҳои кор, натиҷаҳои асосӣ, амалӣ ва иқтисодӣ, бандҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи рисола, санҷиши (апробатсияи) натиҷаҳои рисола асоснок карда шудаст.

**Дар боби якум, ки** “Асосҳои назариявӣ шаклёбии ҷараёнҳои табиӣ” номгузорӣ шудааст, хусусиятҳои хоси шаклёбии ҷараёнҳои табиӣ, марҳилаи муосири инкишофи ҳодисаҳои геодинамикӣ, омилҳое, ки инкишофи ҷараёнҳои лағҷишӣ ва фуруғалтиро муайян мекунанд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Марҳилаи муосири инкишофи хатарҳои геодинамикӣ дар доираи зуҳуроти фаъоли ҳодисаҳои геодинамикӣ, географӣ, геофизикӣ, сейсмикӣ ва метеорологӣ, ки сабабгори хатарҳои фавқулоддаи минтақавӣ ва маҳаллӣ, эндогенӣ ва экзогенӣ гардидааст муқаррар карда шудааст.

**Дар боби дуюм** “Ҳолати муосири инкишофи ҳодисаҳои геодинамикӣ, эндогенӣ ва экзогении” ҳудудҳои фаъоли сейсмикӣ ва оқибатҳои хатарноки ҷараёнҳои ноустувор, мафҳуми хатарнокии фаъоли геодинамикӣ ва системаи ченкунии ҳаракати сатҳи нишебиҳо муфассал омӯхта шудааст. Нишон дода шудааст, ки фалокатовариҳои геодинамикӣ ба вазъияти ғайриоддии табиӣ мансуб буда, бо энергияи озодкардашудаи унсурҳои табиат ба вуҷуд оварда шудааст.

**Дар боби сеюм** “Асосҳои географии тадқиқоти ҳодисаҳои офатҳои табиӣ ва оқибатҳои он” мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Фалокатовариҳои селӣ ва тармаҳо, хусусиятҳои инкишофи ҳодисаҳои табиии метеорологӣ, ташкили системаи ҳимояи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ба таври васеъ омӯхта шуда, ба хатарҳои пайдошаванда баҳои комплексӣ дода шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии тадқиқотҳои илмӣ ва пешниҳодот умумигардонида шуда, дар самти ҳимояи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои геодинамикӣ ва пешгӯйӣ кардани имконияти пайдошавии офатҳои табиӣ, аз он ҷумла ҳолатҳои фалокатовари геодинамикии муосир ва қабули чорабиниҳои пешгирикунанда барои суст кардан ё пешгирӣ намудани хатарҳои гуногуни табиӣ гузаронидани тадқиқотҳо тавсия дода шудааст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:** Дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи тадқиқоти муаллиф дар диссертатсия чор адад нуқтаҳои ҳимояшаванда пешниҳод шудааст, ки онҳо мазмун ва мундариҷаи корро мефаҳмонанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалию иқтисодии таҳқиқот.** Натиҷаҳои ба дастомадаи тадқиқот дар навиштани ҳисоботи барномаи мақсадноки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 - 2015 (қайди № 0102 ТД 969 аз 13.04.2011с., ҳисоботи 0216 TJ 01739 аз 08. 12.16 с., № 936/ 01.3 3/ и, Душанбе, с.2016., 184с.) ва барои солҳои 2017- 2021 (қайди № 0117 TJ 00843 аз 20.10.2017 с.) мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Тасдиқи нашри муқаррароти асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои рисола.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар

маҷалаҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Онҳо муқаррароти асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Мавзӯи таҳқикот ва диссертатсия натиҷаи умумигардонидашудаи мақсад ва ҳадафи тадқиқот оид ба омӯзиши тадқиқотҳо дар бораи фалокатовариҳои геодинамикӣ ва ҳодисаҳои хатарноки табиӣ дар ҳудуди вилояти Суғди Тоҷикистон мебошад, ки дар давраи солҳои аз 2011 то 2020 шахсан муаллиф дар ҳамкорӣ бо мутахассиони факултети геоэкологияи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров иҷро кардааст. Аз тарафи муаллиф инчунин ҷамъоварии маводи зарурӣ, коркард ва батартибдарории маълумоти оморӣ иҷро карда шуда, дараҷаи хатарнокии табиӣ дар ҳудуди ноҳияи кӯҳии маъдани Қаромазор, ҳудуди қаторкӯҳҳои Туркистону Зарафшон арзёбӣ карда шудааст.

**Камбудиҳо дар нашри муқаррароти асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия**.

Диссертатсияи мавриди баррасӣ қарордошта дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1. Дар рисолаи диссертатсионӣ доир ба ҷараёнҳои геодинамикӣ дар нишебиҳои ҳавзаи обҷамъгоҳҳои сойҳои хурди ҷанубии қаторкӯҳи Қурама маълумоти пурра дастрас нашудааст.
2. Муаллифони харитаҳои дар диссертатсия овардашуда маълум нестанд. Хусусан харитаҳои ноҳияҳои Б. Ғафуров ва Ашт аз тарафи кӣ тартиб дода шудааст номаълум аст.
3. Дар рисолаи диссертатсионӣ маълумоти мушаххас оварда нашудааст, ки дар кадом қисмати ҳамвориҳои Тоҷикистони Шимолӣ ҷараёнҳои геодинамикии амалкунанда афзалият доранд, яъне ин ҷараёнҳо пурра таҳлил карда нашудаанд.
4. Дар саҳифаҳои 35-49 (14 саҳ.) маълумоти муфассал дар бораи ҳодисаҳои фалокатовари геодинакӣ оварда шудааст, вале онҳо берун аз объекти тадқиқотӣ, дар қисми ҷанубии Тоҷикистон ҷойгиранд, онҳоро мухтасар овардан мумкин буд.
5. Дар баъзе саҳифаҳои матни диссертатсия (саҳ. 55, 56, 59, 61, 70) хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешавад.

Камбудиҳои ошкоргардида хусусияти бунёдӣ надорад ва эътибори илмии диссертатсияро коҳиш дода наметавонанд.

**Мувофиқати автореферат ба мазмуни диссертатсия.** Автореферати рисолаи диссертатсионӣ дар маҷмӯъ тамоми мундариҷа ва муқаррароти асосии кори илмии М.М. Абдураҳимоваро инъикос мекунад. Хулоса бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ҷиҳати мазмун якхела аст.

**Хулоса.** Диссертатсияи Абдурахимова М.М. дар мавзӯи: “Хусусиятҳои геоэкологии ҷараёнҳои геодинамикӣ: оқибатҳо ва системаи ҳимоя (дар мисоли Тоҷикистони Шимолӣ)” аз рӯйи тадқиқотҳои геодинамикӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии ҳимояшаванда анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияи номзадӣ пешниҳод мекунад, ҷавобгӯ буда, ба калиди рамзи Шӯрои диссертотсионии 6D КОА - 053 мувофиқат мекунад ва муаллифи кори диссертатсионӣ Абдурахимова Мавзуна Мухсиновна сазовор аст, ки ба ӯ дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология дода шавад.

Доктори илмҳои техникӣ, профессори
кафедраи мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи
замини Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Икромов И.И.
16 феврали соли 2021.

*Суроға: тел.: (+992) 907 97 98 50,*
*E-mail: islom.ikromov1958@gmail.com*
*Ҳақиқӣ будани имзои д.и.т, профессор*
*Икромов Исломкул Истамовичро*
*тасдиқ мекунам:*

Сардори шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.А.